**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.KOA-024 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих**

**Парвандаи аттестатсионии №____________**
**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 21.05.2025, таҳти №13**

Барои сазовор донистани Раҷабзода Аъзамҷон Нурали ба дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих)

Диссертатсия дар мавзуи «Саҳми академик Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих)-ро 15-уми феврали соли 2025, суратмаҷлиси №4, шурои диссертатсионии 6D.KOA-024 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Фармоиши КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07-уми январи соли 2022, таҳти №24/шд тасдиқ гардида ва аз 31-уми майи соли 2024, таҳти №167/шд ба ҳайати он тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст) ба ҳимоя қабул кардааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Раҷабзода Аъзамҷон Нурали, соли 1996 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааает. Мавсуф соли 2014 ба шуъбаи рӯзонаи факултети муносибатҳои байналмилалии Донишкада (ҳоло Академия)-и идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шуда, муассисаи таълимии мазкурро соли 2018 аз рӯйи ихтисоси муносибатҳои байналмилалӣ бо дипломи аъло хатм намудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Раҷабзода Аъзамҷон Нурали соли 2020 зинаи магистратураи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро хатм кардааст. Тибқи фармоиши №50-У/Қ аз 25.02.2021 унвонҷӯи кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, дар кафедраи мазкур ба ҳайси муаллими калон фаъолият менамояд.

Мавзуи диссертатсия – «Саҳми академик Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо қарори Шурои олимони Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 28-уми майи соли 2021, таҳти №11/8 тасдиқ гардидааст. Диссертатсия дар кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии факултети дипломатия

ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шуда, ба ҳимоя тавсия шудааст (аз 17.02.2024, протоколи №7).

**Роҳбари илмӣ**: Бобозода Фаридун Толибҷон – номзади илмҳои таърих, и.в. дотсенти кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Сайидзода Зафар Шералӣ** – доктори илмҳои таърих, сарходими илмии шуъбаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақили Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Шарифзода Саидҳомид Сафар** – номзади илмҳои таърих, сардори Раёсати таҳлил ваояндабинии масъалаҳои амнияти минтақавии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Муассисаи тақриздиҳанда:** Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии «Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Дар тақризи мусбати муассисаи пешбар, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – иҷрокунандаи вазифаи мудири кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ ва дипломатияи факултети таърих ва муносибатҳои байналмилалӣ н.и.ҳ. М.Қ. Ҳакимов, ташхисгар – н.и.т., дотсент Негматова Ш.Р. ва котиби ҷаласа номзади илмҳои сиёсӣ, муаллими калон Пардаева С.А. (суратмаҷлиси №9, аз 25.04.2025) имзо ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор М.Қ. Файзулло тасдиқ шудааст, қайд гардидааст, ки диссертатсияи Раҷабзода Аъзамҷон Нурали бо назардошти навгонии илмӣ, мубрамӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалияш сазовори баҳои мусбат буда, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Рисола дорои нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои асоснок буда, муаллифи он Раҷабзода Аъзамҷон Нурали сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) мебошад.

Унвонҷӯ муаллифи 10 мақолаи илмӣ мебошад, ки аз онҳо 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

[1-М] Раҷабзода, А.Н. Ақидаҳои сиёсатмадорон ва олимони хориҷию дохилӣ дар бораи фаъолияти дипломатӣ ва сиёсии академик Талбак Назаров [Матн] / А.Н. Раҷабзода, Ф.Т. Бобозода // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе, 2019. - №4(44). – С. 78-85.

[2-М] Раҷабзода, А.Н. Нақши Талбак Назаров дар раванди музокироти сулҳи тоҷикон (1996-1997) [Матн] / А.Н. Раҷабзода, Н.Н. Файзов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – №6. – С. 44-51.

[3-М] Раҷабзода, А.Н. Ташаккули шахсияти Талбак Назаров ҳамчун арбоби барҷастаи сиёсӣ ва давлатӣ [Матн] / А.Н. Раҷабзода // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе, 2021. – №4-1(53). – С. 250-261.

[4-М] Раҷабзода, А.Н. Нақши Талбак Назаров дар рушди Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1994-2006) [Матн] / А.Н. Раҷабзода // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022. – №1(96). – С. 222-228.

[5-М] Раҷабзода, А.Н. Саҳми академик Талбак Назаров дар ба даст овардани истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон (1996-1997) [Матн] / А.Н. Раҷабзода // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе, 2022. – №2. – С.250-258.

[6-М] Раҷабзода, А.Н. Андешаҳои Талбак Назаров вобаста ба рушди муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои ҷаҳон ва созмонҳои байналмилалӣ [Матн] / А.Н. Раҷабзода // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе, 2023. – №2 (61). – С. 336-346.

[7-М] Раҷабзода, А.Н. Солҳои ҷавонӣ ва оғози фаъолияти илмию сиёсии академик Талбак Назаров [Матн] / А.Н. Раҷабзода // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2025. – №1(114). - С. 282-292.

**Дар дигар нашрияҳо:**

[8-М] Раҷабзода, А.Н. Раванди ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии Тоҷикистон аз нигоҳи академик Талбак Назаров [Матн] / А.Н. Раҷабзода // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ, Душанбе, 29 октябри соли 2021: маҷмуи мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо. – Душанбе: Матбааи АИДНПҶТ, 2021. – С. 123-130.

[9-М] Раҷабзода, А.Н. Талбак Назаров – муаррифгари давлат ва миллати тоҷик дар арсаи байналмилалӣ [Матн] / А.Н. Раҷабзода // Маҷаллаи “Осиё ва Аврупо”. – Душанбе, 2022. – №1(9). – С. 70-79.

[10-М]Раҷабзода, А.Н. Саҳм ва мавқеи Талбак Назаров дар раванди сулҳи тоҷикон [Матн] / А.Н. Раҷабзода // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 25 солагии Рӯзи Ваҳдати миллӣ, Душанбе, 24 июни соли 2022: маҷмуи мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо.– Душанбе: Матбааи АИДНПҶТ, 2022. – С. 244-256.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

1. Доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Абдуллоев Маҳмуд Холович. Тақриз мусбат, эрод надорад.

2. Номзади илмҳои таърих, Сафири Фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Украина Назризода Давлаталӣ Ҳайдар. Тақриз мусбат, эрод надорад.

3. Номзади илмҳои таърих, мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Мирзоев Ғ.Ш. Тақриз мусбат, эрод надорад.

4. Номзади илҳои таърих, муаллими калони кафедраи назария ва таърихи муносибатҳои байналмилалии факултети илмҳои гуманитарӣ ва иҷтимоии Донишгоҳи дӯстии халқҳои Русия ба номи Патрис Лумумб Раҳимов Комрон Ҳакимҷонович. Тақриз мусбат, эрод надорад.

5. Номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ М.Н. Мирзоев. Тақриз мусбат, эрод надорад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 61-70 ва 74 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

**– коркард карда шуд**: ҷойгоҳи академик Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нуқтаи назари илмӣ бори аввал ба шакли маҷмуӣ дар доираи диссертатсияи номзадӣ таҳлилу баррасӣ карда шудааст;

**- ошкор менамояд**, ки шахсияти Талбак Назаров дар ду самти фаъолият – олиму омӯзгор ва ходими давлатӣ дар таърихи муосири Тоҷикистон як падидаи муҳим ба шумор меравад. Аз ин ҷост, ки ӯ дар илм то ба маснади академикӣ расида ва дар сиёсат ҳамчун пешоҳанги дипломатияи тоҷик эътироф шудааст. Асарҳое, ки вобаста ба илми иқтисод ва дипломатия

навиштааст, на танҳо дар дохили кишвар маълуму маъруфанд, балки аз ҷониби олимону ходимони ҷомеаи ҷаҳонӣ низ пазируфта шудаанд.

- **пешниҳод шудааст, ки** мероси илмии академик Талбак Назаров, ки ба соҳаҳои иқтисодиёт, амният, дипломатия ва сиёсати хориҷии кишвар бахшида шудаанд, ҳангоми гузаронидани курсҳо ва семинарҳои махсус дар факултетҳои соҳавии муассисаҳои таълимии кишвар ба таври васеъ истифода шавад. Ҳамзамон, дар муассисаҳои таълимии кишвар, ки дар соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ мутахассисонро омода мекунанд, ҷиҳати муаррифии мероси илмӣ, унвону ҷоиза ва хизматҳои ӯ ба халқу ватан гӯшаи академик Талбак Назаров ташкил карда шуда, ба номи ӯ идрорпулӣ таъсис дода шавад. Ғайр аз ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз ҷониби Академияи миллии илмҳо, Вазорати корҳои хориҷӣ, Вазорати маориф ва илм ва Вазорати рушди иқтисод ва савдо семинар-хонишҳои академик Талбак Назаров баргузор карда шаванд.

- **исбот шудааст,** ки саҳми академик Талбак Назаров дар рушди илму сиёсати кишвар, барқарор кардани сулҳу ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон, ташаккул ва рушди хидмати дипломатӣ, тайёр кардани кадрҳои баландихтисос дар соҳаҳои илму маориф ва сиёсату иқтисодиёт муҳим мебошад.

- **ҷорӣ намудани** мавзуи «Саҳми академик Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатӣ» дар барномаҳои таълимии фанҳои тахассусии муассисаҳои таълимии кишвар, ки мутахассисонро дар самти таърих, сиёсатшиносӣ, низоъшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ омода мекунанд, муҳим мебошад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба он асоснок карда шудааст, ки** мавод ва натиҷаҳои диссертатсияро метавон барои мутахассисони соҳаи дипломатия, таърихнигорон, ҷомеашиносон, иқтисоддонҳо ва онҳое, ки машғули омӯзиши таърихи ташаккул ва рушди хизмати дипломатӣ ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ мебошанд, тавсия намуд.

Хулосаҳое, ки дар натиҷаи таҳқиқоти мазкур бароварда шудаанд, метавонанд ҳангоми таҳияи рисолаҳо вобаста ба таърихи муосири Тоҷикистон, таърихи муосири дипломатияи тоҷик ва ташаккулу рушди хизмати дипломатӣ ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд. Онҳо, инчунин, метавонанд барои таҳияи маводи таълимӣ, методӣ, лексияву мақолаҳо оид ба таърихи ватанӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ муфид бошанд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти академик Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди хизмати

дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал дар асоси осори муҳақиқони ватанию хориҷӣ таҳқиқу баррасӣ гардида, ҷойгоҳи ин шахсият дар таърихи муносибатҳои байналмилалӣ баён гардидааст.

**- баён шудани** овони наврасиву ҷавонӣ ва хизмати шоёни Талбак Назаров дар рушди илму сиёсати давлатӣ, муаррифи кишвар дар арсаи байналмилалӣ, инчунин, таҳқиқ гардидани таҷрибаи бузурги ӯ дар соҳаи дипломатия ва сиёсати хориҷӣ муҳим мебошад.

**- ошкор гардидани** хусусиятҳои хосси инсонию шаҳрвандӣ, меҳнати бовиҷдонона ва софдилона, маҳорату малакаи баланди роҳбарӣ, паҳлӯҳои ҳаёту фаъолияти сиёсӣ, дипломатӣ, илмӣ ва омӯзгории академик Т. Назаров дар асоси маълумоти сарчашмаҳои саҳеҳ ва дидгоҳи муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, имкон додааст, ки арзиши илмии диссертатсия муҳим арзёбӣ гардад.

**- омӯхта шудани** рӯзгору осор ва фаъолияти пурмаҳсулу серсоҳаи академик Талбак Назаров, хусусан фаъолияти сиёсию дипломатии ӯ барои хизматчиёни давлатӣ намунаи ибрат мебошад.

**- аз нав такмил додани** санадҳои меъёрии ҳуқуқии равобити дипломатии ҷумҳурӣ, бастани созишномаву тафоҳумномаҳо бо кишварҳои хориҷӣ ва аз ҳама муҳим, дар такмили оинномаи хизматчии давлатӣ ва омода кардани дипломатҳои ҷавон рисолаи мазкур мусоидат менамояд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки**: натиҷаҳои он метавонад дар раванди такмили фаъолияти ниҳодҳои марбутаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз қабили ВКХ ва дигар сохторҳои дахлдор, инчунин, ходимони сиёсӣ, хизматчиёни давлатӣ ва дипломатӣ дар фаъолияти кории ҳаррӯзаашон ба таври васеъ истифода баранд.

**- муайян карда шуданд**, ки таҳқиқоти мазкур ва натиҷаҳои онро метавонанд дар раванди омода намудани кадрҳои ҷавон дар самти хизмати давлатӣ ва дипломатӣ мавриди истифода қарор гиранд.

**- офарида шуд**: бори аввал ақидаҳои сиёсатмадорон ва олимони дохилию хориҷӣ дар бораи шахсият ва фаъолияти дипломатию сиёсии академик Талбак Назаров ҷамъоварӣ шуда, мавриди арзёбӣ қарор гирифт. Ҳамзамон, андешаҳои Талбак Назаров вобаста ба рушди дипломатияи дуҷониба ва бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтанд.

**- муаррифӣ карда шуд:** ҳаёту фаъолияти академик Талбак Назаров ва муайян намудани саҳми ӯ дар ташаккулу рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дар таҳияи диссертатсия дақиқияти маълумот, кофӣ будани сарчашмаҳои таърихӣ, маводди таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ ва муқоисаи илмию амалии нуқтаҳои мавзуи таҳқиқшаванда истифода гардида, хулосаву тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидаанд.

- **ғоя** дар пояи фаъолияти илмию сиёсии академик Талбак Назаров, саҳми ӯ дар рушди Вазорати корҳои хориҷӣ ва ташаккули хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, талошҳои ӯ дар раванди музокироти сулҳи тоҷикон ва рушди дипломатияи дуҷониба ва бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон **асоснок шудааст**.
- **истифода шудаанд:** осору нутқҳо, баромадҳо, паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, осор ва бойгонии шахсии академик Т. Назаров, асару мақолаҳои дигар муҳаққиқони тоҷик, аз ҷумла З.Ш. Сайидзода, Д. Назиров, Назруллои А., У.М. Мирсаидов, М. Имомзода, Муҳаммад Абдураҳмон, А. Сатторзода, Ҷ. Темурзода ва дигарон, инчунин, муҳаққиқони хориҷӣ, ки дар онҳо паҳлӯҳо ва самтҳои гуногуни фаъолияти академик Талбак Назаров инъикос ва таҳлил шудаанд, дар таълифи рисола мусоидат намуданд.
- **муайян шудаанд**, ки Талбак Назаров нозукиҳои дипломатия ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар замони муосир таҳлилу баҳогузорӣ намуда, ҷиҳати роҳандозӣ ва дар амал татбиқ намудани он пешниҳод кардааст, ки кишвари мо вазифадор аст тамоми қувваашро ба харҷ диҳад, то ки бо ҳама муносибати хуб дошта бошад. Ҳатто агар баъзе аз ин кишварҳо нисбат ба мо ягон кинаву адоват ҳам дошта бошанд. Барои тағйир додани нуқтаи назарашон бояд бо онҳо ҳамкорӣ кард. Дар мулоқоту гуфтушунидҳо ҳеҷ гоҳ набояд мавқеи кишвари сеюмро ба интиқод гирифт. Мо набояд манфиатҳои миллии худро қурбон кунем. Ин манфиатҳоро дағалона не, балки ба таври моҳирона ҳимоя кардан лозим аст.
- **истифода шудаанд:** дар раванди таҳияи рисола усул ва роҳҳои гуногуни илмӣ, аз қабили таҳлилӣ, тавсифӣ, муқоисавӣ, маълумотдиҳӣ ва усули муқоисавӣ-таърихӣ кор гирифта шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия ифода меёбад.

Дар маҷлиси 21 майи соли 2025 шурои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Раҷабзода Аъзамҷон Нуралиро ба дараҷаи илмии номзади илмҳои

таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) 5 нафар. Аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 15 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои таърих** **Расулиён Қ.Р.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои таърих** **Умаров А.Қ.**

**21.05.2025**